Ҳар касе, ки бар чаҳор ракъат (суннати) пеш аз пешин ва чаҳор ракъат баъд аз он мудовимат кунад, Аллоҳ ӯро бар оташи дӯзах ҳаром мегардонад

Аз Умми Ҳабиба (разияллоҳу анҳо) ҳамсари Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро шунидам, ки мегӯяд: "Ҳар касе, ки бар чаҳор ракъат (суннати) пеш аз пешин ва чаҳор ракъат баъд аз он мудовимат кунад, Аллоҳ ӯро бар оташи дӯзах ҳаром мегардонад."

[Саҳеҳ] [رواه أبو داود والترمذي والنسائي وابن ماجه وأحمد]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) башорат доданд, ки ҳар касе аз намозҳои нафл чаҳор ракъат пеш аз намози пешин ва чаҳор ракъат баъд аз онро бихонад ва бар онҳо мудовимат ва муҳофизат кунад, Аллоҳ ӯро бар оташ ҳаром мегардонад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/11251